## Механизми баррасии арзу шикоятҳо

Дар раванди татбиқи лоиҳа механизми баррасии арзу шикотяҳо таҳия карда мешавад. Қабл аз оғози корҳо вобаста ба арзу шикоятҳо дар ҳамаи минтақаҳои фарогир бо ширкати бенефисарҳо омӯзишҳо гузаронида мешаванд, ки сатҳи огоҳӣ ва донишу малакаи онҳоро оиди таҳияи арзу шикоятҳо, фиристодани онҳо ва гирифтани ҷавоб ба онҳо тақвият медиҳад

ДАР МИНТАҚАҲО ВА Ё ҶОЙҲОИ ДИГАРИ БАРОИ АҲОЛӢ ДАСТРАС ҚУТТИҲОИ АРЗУ ШИКОЯТҲОИ АҲОЛӢ (БНЕФИСАРҲО) ТАШКИЛ ДОДА ШУДАНД. БАРОИ ИСТИФОДАИ ҚУТТИҲОИ МАЗКУР ВА САРИВАҚТ АЗ ОНҲО ГИРИФТАНИ АРЗУ ШИКОЯТҲО ВА БА ҶОИ ЛОЗИМА РАСОНИДАНИ ОНҲО ШАХСОНИ МУТАСАДДӢ ТАЪИН КАРДА ШУДАНД. ДАР ҚУТТИҲО НИШОНАҲОИ БОНКИ УМУМИҶАҲОНӢ ВА МАРКАЗ НИШОН ДОДА ШУДААНД.

Барои пурра огоҳӣ пайдо намудани аҳолӣ ва фаъолона ширкат намудани бенефисарҳо дар татбиқи лоиҳа ва вобаста ба он омода намудани арзу шикоятҳо дастурномаҳои бо забони тоҷикӣ интишор ва паҳн карда мешаванд.

## Дар мавриди омода намудани арзу шикоятҳо бенефисарҳо бояд кадом масъулиятро дошта бошанд?

- ✓ Арзу шикоятҳо мазмун, мӯҳтаво, самтҳои татбиқи танҳо лоиҳаи мазкурро дар бар гиранд ва ба дигар самтҳо дахл надошта бошанд, зеро баррасии онҳо салоҳияти дигар мақомотҳои лозимаро тақозо менамояд.
- ✓ Арзу шикоятҳо бояд мушаххас, дақиқ ва он мушкилоти ба миён гузошташуда равшан инъикос карда шавад, то ки Комиссияи салоҳиятдор онро мавриди баррасӣ қарор дода тавонад.
- ✓ Нисбати дар ҳолати хуб нигоҳ доштани қуттиҳои арзу шикоятҳо масъулият дошта бошанд.
- ✓ Барои саривақт дастрас намудани ҷавоб ба арзу шикоятҳои худ бо шахсони мутасаддӣ мунтазам дар алоқа бошанд.

Суроғаҳои тамос: ш. Душанбе, кучаи Фирдавсӣ 5/1 ҳуҷраи 42
**Email: farukh1984@mail.ru**
Тел.: +(992) 985 25 66 99



Муассисаи давлатии «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ»

Ташкилоти ҷамъиятӣ – хайриявии «Ориён»

### ЛОИҲАИ «ТИҶОРАТИКУНОНИИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ»

# СОХТОР ВА МЕХАНИЗМИ БАРРАСИИ АРЗУ ШИКОЯТҲО



ДУШАНБЕ - 2016

## Бонки Умумиҷаҳонӣ ва Маркази идораи Лоиҳа барои чӣ механизми баррасии арзу шикоятҳоро амалӣ менамоянд?

Дар раванди татбиқи Лоиҳаи «Тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ» масъалаҳое пайдо мешаванд, ки вобаста ба бехтар кардани кори занҷираи арзиши изофа, пешниҳод кардани хизматрасониҳои молиявӣ ба баҳрабарандагони лоиҳа, баланд бардоштани дониши инчунин вазъи экологии маҳал ва вазъи иҷтимоии бенефисарҳо бояд мавриди баррасӣ қарор дода шаванд. Ин аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ (минбаъд БУ) тавсияи хубест барои шаффофият ва мақсаднокии истифодаи маблағҳои ҷудогардида. Аз ҷониби дигар чунин муносибати мутақобилан судманд, яъне баррасии арзу шикоятҳо барои БУ имконият фароҳам меорад, ки татбиққунандагони Лоиҳа бояд донанд, ки маблағҳои ҷудогардида ба ҳадафҳои пешбинишуда чӣ гуна таъсир расонданд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Умумиҷаҳонӣ пайваста кӯшиш менамоянд, ки маблағҳои инвестисионии ҷудогардида барои рушди маҳал заминаи воқеӣ гузошта, вазъи иҷтимоӣ ва экологиро халадор насозанд. Ҷорӣ намудани низоми баррасии арзу шикоятҳо дастрасиро ба ҳамаи намудҳои маълумотҳо васеътар мегардонад. Дар навбати худ ин раванд барои Маркази идораи лоиҳа аз он ҷиҳат зарур аст, ки масъалаҳо ва мушкилиҳои мавҷудаи марбут ба татбиқи лоиҳаи мазкур саривақт ошкор ва дар якҷоягӣ баррасӣ карда шаванд.

## Баррасии арзу шикоятҳо барои рушди маҳал ва худи бенефисарҳо чӣ медиҳад?

- ✓ Барои ҳалли проблемаҳои лоиҳавӣ замина мегузорад;
- ✓ Барои ҳавасмандии бенефисарҳо дар татбиқи лоиҳа мусоидат менамояд:
- ✓ Муҳити зист ва вазъи иҷтимоиро беҳтар менамояд;

## Кадом сохтор барои баррасии арзу шикоятҳо сафарбар карда мешавад?

Мутобиқи механизми татбиқи лоиҳа дар Маркази идораи Лоиҳа Комиссияи салоҳиятноки баррасии арзу шикоятҳо таъсис дода мешавад, ки дар якҷоягӣ бо дигар сохторҳои марбута арзу шикоятҳоро вобаста ба татбиқи лоиҳа баррасӣ менамоянд.

**БА РОҲ МОНДАНИ МЕХАНИЗМИ АРЗУ ШИКОЯТҲО ВОБАСТА БА ТАТБИҚИ ЛОИҲА БАРОИ БЕНЕФИСАРҲО ИМКОНИЯТ ФАРОҲАМ МЕОРАД, КИ РОҲИ АЛОҚАҲОИ МУТАҚОБИЛА ПАЙДО НАМОЯНД. ЧУНИН АЛОҚАҲО ҲАМ БАРОИ БОНКИ УМУМИҶАҲОНӢ ВА ҲАМ БАРОИ МАРКАЗИ ИДОРАИ ЛОИҲА БАРОИ САМАРАНОКИИ ТАТБИҚИ ОН ЗАРУР МЕБОШАНД.**

## Кадом маълумот ва арзу шикоятро метавон иброз намуд?

Нишон додани проблемаи лоиҳа, ки барои арзу шикоят асоси воқеӣ шуда метавонад ва дар рафти татбиқи лоиҳа пайдо гардидааст.

---

Оқибатҳои манфии татбиқи лоиҳаро мушаххасан нишон додан (масалан чӣ гуна ба вазъи иҷтимоию экологӣ таъсири манфӣ мерасонад).

---

Бо дархости аҳолии маҳал ҳангоми навиштани арзу шикоятҳо бо хоҳиши онҳо ному насаби онҳо метавонад нишон дода нашавад.

---

Таъсири манфии лоиҳа ба баробарии гендерӣ, сафарбаркунии занон ба корҳои лоиҳавӣ.

---

Пайдо шудани ҳолатҳое, ки ба масъалаҳои молиявӣ, махсусан тақсимот ва истифодаи маблағҳои грантии лоиҳавӣ вобаста мебошанд.

---

Пайдо шудани ҳолатҳое, ки ба устувории минбаъдаи корҳои лоиҳавӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад ва хатарҳоро эҷод мекунад.